**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи “Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ”, (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб) ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити сиёсӣ, адабию маданӣ васеъ гардида, зарурати ташаккули ҷаҳони фарохи илмӣ, дониши ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ва аҳлоқи ҳамидаю иродаи мустаҳкамро тақозо дорад. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ (ҳарчанд ки вожаҳои худшиносию худогоҳии миллӣ дар осори адибону шоирони классики тоҷик ва ҳатто дар эҷоди адибони даврони шӯравӣ бо ин ном маъруфият надоштанд), дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса доштанд. Дар ин ҷо мероси илмию адабии шоирону нависандагон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс ва муосир нақши беқиёс ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» тарбияи ватандӯстӣ чунин шарҳ дода шудааст: - ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон; - тарбия намудани шаҳрвандон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан, таҳкиму таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳим ва рушди устувори давлат; - ҳамчун арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқӣ тақвият додани заминаҳои ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа, ташаккул ва рушди сифатҳои неки шаҳрвандӣ-иҷтимоии насли наврас ва қобилияти аз ҷониби онҳо зоҳир намудани ин сифатҳо дар раванди

бунёдкориҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар намудҳои фаъолияте, ки ба таъмини амнияти онҳо алоқамандaнд.

Боиси ифтихори миллӣ аст, ки ҷумҳурии тозаистиқлоли мо тавассути осори гаронбаҳои намояндагони адабиёти классику муосир, чун Рӯдакию Фирдавсӣ, ибни Сино, Кайковус, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавию Бедил, Восифӣ, Дониш, Айнию Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров ва амсоли инҳо машҳури олам гаштааст. Бо дарназардошти аҳамият ва ҷойгоҳи махсусан муҳим доштани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар рушди дониш, маҳорат, малака ва ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон ва ба камол расидани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, ки пешравӣ ва шукуфоии ҷомеаи имрӯза ба онҳо вобастагии калон дорад, диққати махсус ва андешидани тадбирҳои судмандро нигарон аст.

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб мeёбад ва яке аз самтҳои муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷиҳати ҷалб намудани насли наврасу ҷавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, фанҳои силсилаи гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ дониста шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мафҳуми “ватандӯсти”-ро чунин муайян карда шудааст: « - ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан».

Бо назардошти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва мундариҷаи таълим бояд ба тарбияи тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълимию тарбиявӣ бо мақсади корбандӣ намудани он равона карда шавад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таълифоту асарҳои худ, ҳамчунин, зимни мулоқот бо ҷомеа дар хусуси ғояи Ваҳдати миллӣ, ватандӯстию худшиносӣ ва ифтихори миллӣ суханронӣ намуда, кулли сокинони ҷумҳурӣ, хосатан, наслҳои наврасу ҷавононро ба худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ даъват менамоянд, ки ин ҳама тавассути бароҳмонии таълиму тарбияи хуб ва донишу маърифати баланд бо истифода аз мероси ниёгон ва ашъори шоирону адибони замони муосир ба даст меояд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи тарбияи хонандгони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ-педагогӣ оид ба инъикоси масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандустӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб, инчунин дар мақолаҳои публитсистӣ, илмию методии шоирону олимон ва адабиётшиносони кишвар С.Табаров, Х.Шарифов, М.Шакурӣ, У.Назир, Н.Баротов, А.Кучаров, А.Маҳмадаминов, Р.Раҷабӣ, С.Саидҷаъфаров, С.Чалишев, Ф. Шафиев, М.Аҷамӣ, А.Абдураҳимов дар китоби А.Қаландаров, Алиасғари Шеърдӯст ва чанде дигарон, ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳои даврии гуногун ба табъ расида буданд, дарҷ гардидаанд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи муқарраротӣ илмӣ асоснок намуда, ҳолат, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути истифода аз ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии осори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро тавассути озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо) тасдиқ намудааст.

Унвонҷӯй Саодати Раҳмонӣ дар тадқиқоти худ муайян карда аст, ки ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассти анъанаҳои милли халқи тоҷик дар раванди ташаккули сатҳи донишазхудкунии онҳо таҳқиқот бурда корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо дар МТМУ-и №3, 6, 8, 53-и ш.Кӯлоб, №4, 22, 23, 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, №8, 21, 22, 60-и ноҳияи Фархор, №4,10, 21, 28-и ноҳияи Восеъ, №2, 12, 30, 50-и ноҳияи Муъминобод гузаронидааст.

Муаллиф Саодати Раҳмонӣ дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок намуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқотро муайян кардааст. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ»** ба масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шудааст. Дар зербобҳоии боби аввали диссертатсия, ки фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон мебошад пурра фарогири масъалаи марбут аст. Зеро шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни фард ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **"Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибон"** ба корҳои таҷрибавию

озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст. Қисматҳои боби дуюми диссертатсия - ба тавсиф ва баррасии амсилаи таҳияшуда дар робита ба тарбия ва рушди ватандӯстию ифтихори миллии хонандагон бахшида шудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо масъалаи баланд бардоштани ҳисси тарбияи ватандӯстии хонандагон ва ифтихори миллӣ дар хонандагон, ки самти асосии ташаккули инсони ботаҷриба мебошад, хеле муҳим аст. Аз ҷониби муаллиф амсилаи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ғояҳои ашъори адибон" коркард шудааст.

Ҳадафи таҳқиқӣ мазкур ба муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудааст.

Натиҷаҳо ва маълумоти гуруҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ҷалвалҳо оварда шудаанд.

Автореферати диссертатсияи Саодати Раҳмонӣ дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмӯъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи ташаккули ҳисси тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар ташаккули ахлоқии насли наврас бо як усусли хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст. Ҳамчунин, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Ҳамин тавр, дар ин замина метавон гуфт, ки дар коркарди низоми ҳисси тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба шахсияти хонандагон мувофиқ ба кадом ҷиҳату хусусияти рафтори шахсият самт бояд гирифт.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ амсилаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси стандарт ва барномаи таълимӣ таҳия ва асоснок карда шуда, муқаррароти илмӣ ва амалии ҷораёни мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълимию тарбиявии марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик муайян ва дар корҳои озмоишию таҷрибавӣ асоснок карда шуда, роҳу равиши самараовари он тасвиб ва амалӣ карда шуд. Мо чунин ақида дорем, ки технологияҳо ҳангоми кор бо хонандагони хурдсол тарҳрезӣ ва амалкунии низомҳои тарбиявӣ ва таълимдиҳандаи ба шахсият нигаронидаро пешбинӣ менамояд, ки бо ёрии онҳо дар ташаккули шахсияти хонандагон дар муассиса ба натиҷаҳои баландтарро метавон ноил шуд.

Хулоса, тадқиқоте, ки Саодати Раҳмонӣ ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои педагогикаи имрӯзаи тоҷик боз як кори тадқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори Саодати Раҳмонӣ дар мавзуи “**Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ**” тадқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саодати Раҳмонӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқ мебошад.

Муаллифи диссертатсия – Саодати Раҳмонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) арзанда аст.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи томактабии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Луфов Мансурбой Тоймуратович ________________

Имзои дотсент Луфов М.Т. -ро тасдиқ мекунам.
20.08.2023
Сардори РК ва КМ МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.________________

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1/1
Тел: (+992 ) 900-42-02-02
E-mail: n.ehson@mail.ru